**Ба шурои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14)**

## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз пешниҳод шудааст.

Дар давраи иқтисодиёти бозорӣ ва тағйирёбии равандҳо ва муносибатҳои иқтисодии ҷомеаи имрӯза низоми бонкӣ ҳамчун як низоми таҳаммулпазири фишорҳои иқтисодӣ ва муҳаррики пешбарандаи рушди иқтисодиёти ҳар як давлат маҳсуб ёфта, ҳамзамон, ба фаъолияти ҳамарӯзаи корхонаву муассисаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ва ба шаҳрвандони алоҳида хизматрасонӣ менамояд. Низоми бонкӣ сохтори марказонидашудаи бахши институтҳои молиявӣ буда, ба ҷаъмкунӣ, тақсим ва азнавтақсимкунии сармояи пулӣ машғул мебошад. Вобаста ба ин, механизми асосии назариявии фаъолияти бонкҳо дар сатҳи ҷомеа ташкили дурусти муомилоти пулиро дар байни субъектҳои гуногун ва алоҳидаи иқтисодиёт дар заминаи талабот ва имконоти мавҷуда ташкил менамояд ва тавассути бонкҳо пайдарпайии ҷараёни муносибатҳои пулӣ таъмин карда мешавад. Бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун институтҳои миёнарав дар ташкили муносибат байни харидору фурӯшанда ва истеҳсолкунандаю истеъмокунанда иштирок намуда, бо ин роҳ даромади худро таъмин ва талаботи мизоҷони худро вобаста ба шаклҳои гуногуни амалиёт ва хизматрасонӣ қонеъ мегардонанд. Бонкҳои тиҷоратӣ дар натиҷаи фаъолияти миёнаравӣ байни субъектҳои гуногуни иқтисодӣ то як андоза маҳдудиятҳои норасоии захираҳои пулиро дар дигар субъектҳо бартараф месозанд.

Таҷриба ва таҳаввулоти солҳои охир собит намуд, ки низоми бонкӣ ҳамчун қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи иқтисодиёти миллӣ маҳсуб ёфта, омили асосии қонеъ гардонидани талабот дар ҷомеаи иқтисодӣ мебошад ва тавассути мутамарказ кардани сарчашмаҳои зиёди пулӣ ва дар заминаи ин, қонеъ кардани талаботи рӯзафзуни доимотағйирёбандаи сатҳи истеҳсолот ва эҳтиёҷоти тамоми қишри ҷомеа хизмат мерасонад. Пешрафти ҷомеаи иқтисодӣ, дар маҷмуъ аз ҳолати хуби устуворӣ ва иқтидори молиявию захиравии низоми бонкӣ вобастагии зиёд дорад.

Аз ин лиҳоз интихоби мавзуи мазкур аз нуқтаи назари замонави буданаш мубрам ва фарогири масъалаҳои муҳими устувории бонкӣ мебошад.

Ҳамзамон дар таҳия татбиқ ва коркардҳои анҷомгардида мазмуни автореферати диссертатсия ба матни он мувофиқ буда, моҳияти илмии ҷараёни таҳқиқотро бо назардошти таҳлилҳои нишондиҳандаҳои муҳими бонкӣ пурра инъикос менамояд.

Сарфи назар аз дастовардҳои кори илмӣ, муаллиф бояд ба мавриди зер таваҷҷуҳ медод:

1. Унвонҷӯ бояд механизми низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо таҷрибаи ягон низоми бонкии давлати иқтисодиёташ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон монанд муқоиса менамуд.

Эроди мазкур умуман таъсири манфии худро ба кории илмии мазкур расонида наметавонад, чун ки хусусияти тавсиявӣ дорад.

Автореферати диссертатсияи Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст ва муаллифи он Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**Сардори Шуъбаи амалиётии**
**ҶСП "Спитамен-Бонк"** **Боймуродов Ҷ.Ҷ.**

**Суроға:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, куч. Б. Ғафуров 45.
Тел: 900-46-66-67
E-mail: j.boymurodov@spitamen.com
Сомонаи расмӣ: www.spitamenbank.tj

Дурустии имзои **Боймуродов Ҷ.Ҷ.-ро** тасдиқ мекунам:
Сардори Департаменти кадрҳои
ҶСП "Спитамен-Бонк" Мирзоева Л.С.